# ТАҚРИЗИ

**муқаррizи беруна ба диссертатсияи Носирова Машҳура Негматовна дар мавзӯи «Ташаккули салоҳиятнокии омӯзгорони оянда ба ташкили корҳои касбинтихобкунӣ дар макотиби олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 - Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ)**

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ оид ба масъалаҳои соҳаи маориф чунин қайд кардаанд: “Барои баланд бардоштани сифати таълиму тарбия моро зарур аст, ки дар тамоми зинаҳои таҳсилот, бахусус, дар зинаи таҳсилоти касбӣ, на ба шумора, балки ба сифати он диққати ҷиддӣ дода, мутахассисони ҷавобгӯи талаботи замони муосирро тарбия намоем”.

Нуқтаҳои зикргардида гувоҳи онанд, ки назари Ҳукумати ҷумҳурӣ нисбат ба соҳаи маориф ва рушду нумӯи он дар мадди аввал қарор дошта, тайёр намудани кадрҳои баландихтисос ва ҷавобгӯ ба замони муосир яке аз ҳадафҳои аввалиндараҷаи соҳаи маориф ба ҳисоб меравад.

Дар шароити ҳозираи ислоҳоти иҷтимоию иқтисодии ҷумҳурӣ, дар давраи гузариш ба муносибатҳои бозорӣ тахия ва амалисозии таҳсилот, ки ба тайёр кардани кормандони баландихтисоси дорои лаёқати сарфаҳмравӣ ба вазъият ва ба шароитҳои нави меҳнат зуд мутобиқшаванда, дорои сифатҳои баланди кордонӣ ва рақобат тобовар нигаронида шудаанд, муҳимтарин вазифаи соҳаи маориф мегардад.

Мавзӯи интихобнамудаи Носирова М.Н. таҳти унвони “Ташаккули салоҳиятнокии омӯзгорони оянда ба ташкили корҳои касбинтихобкунӣ дар макотиби олии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, яке аз мавзӯъҳои актуалӣ ҳисобидан мумкин аст, зеро дар ҳаёти Тоҷикистони соҳибистиқлол, ки устуворона дар роҳи демократикунонии давлат ва ҷамъият қадам мегузорад, равандҳои дигаргунсозӣ рӯз аз рӯз вусъат меёбанд. Равандҳои мазкур соҳаи маорифро низ дарбар мегиранд, ки ҷузъи асосӣ ва пойгоҳии он муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ ба шумор меравад.

Боиси қайд аст, ки дар диссертатсияи худ Носирова М.Н. ҳадафи асосӣ аз ҷиҳати илмӣ асоснок ба роҳ монда дар байни хонандагон имкон медиҳад, то хароҷоти омодасозии коргарони баландихтисос кам карда шавад, ҳамчунин он ба афзоиши ҳосилнокии меҳнат, коҳиши ҷойивазкунии кадрҳо, баланд бардоштани қаноатмандии кормандон аз меҳнат, нигоҳ доштани саломатии меҳнаткашон, истифодаи нисбатан оқилонаи имкониятҳои шахсият, таъмини мураттабу муназзами истеҳсолоти гуногуни мамлакат бо захираҳои меҳнатӣ мусоидат менамояд.

Чӣ хеле, ки маълум аст, диссертатсия аз ду боб, шаш зербоб, хулосаи бобҳо, хулосаи умумӣ, феҳристи адабиёт ва замимаҳо иборат буда, дар боби якум оид ба “Пайдоиш ва рушди касб аз давраи атиқа то замони муосир” – тарбияи меҳнатӣ ва интихоби касб имкон медиҳад, то

ҳар шаҳрванд бо навъҳои гуногуни фаъолияти инсонӣ шинос шуда, онҳоро мушоҳида намояд ва барои худ касби беҳтаринро интихоб кунад. Мақсади асосии тарбияи меҳнатӣ ва корҳои касбинтихобкунӣ талқини меҳнатдӯстӣ, ёрӣ расонидан дар интихоби касб мебошад. Дар боби дуюм бошад, босуръат тағйир ёфтани мундариҷа, сохтор ва хусусияти амалиёти кормандони касбҳои алоҳида қайд мегардад, ки сатҳи талаботро ба омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олӣ дар бобати мусаллаҳ кардани омӯзгорони оянда бо дониши нав, маҳорату малакаҳо оид ба касбинтихобкунии хонандагон баландтар мебардорад.

Гуфтан ҷоиз аст, ки диссертант Носирова М.Н. бобҳоро дар алоҳидагӣ, бо маълумотҳои мухтасар оварда, дар охир бо овардани нуқтаи назари худ бобҳоро ҷамъбаст намуда аст.

Боиси зикр аст, ки аз тарафи унвонҷӯ вобаста ба мавзӯи диссертатсия 6 мақолаи илмие, ки дар нашрияҳои тақризии бонуфузи тавсияшудаи КОА, 1- китоби дарсӣ таҳти унвони "Касбинтихобкунӣ", инчунин 2-маводҳои конфронсҳо (ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ) ва 5-мақолаҳои илмӣ дар нашрияҳои дигар инъикос гардидааст.

Дар асоси стандартҳо ва талаботҳои Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон автореферати мазкур таълиф шуда, таҳқиқоте, ки аз тарафи диссертант рӯи кор омадааст, аз ҷиҳати назариявӣ ва ҳам амалӣ зарурӣ арзёбӣ гардида, баҳри рушд ва нумӯи илми педагогикаи муосир саҳми босазое хоҳад гузошт.

Ҷоиз ба қайд аст, ки диссертатсияи Носирова М.Н. таҳти унвони «Ташаккули салоҳиятнокии омӯзгорони оянда ба ташкили корҳои касбинтихобкунӣ дар макотибы олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҳқиқоти ба анҷом расонида ба ҳисоб рафта, ҷавобгӯ ба талаботҳои Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 –Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) арзанда ҳисобида мешавад.

Номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти
кафедраи фанҳои риёзӣ ва
табиатшиносии муосири ДДҲБСТ — Азимова Н.С.

"Имзои Азимова Н.С.-ро тасдиқ мекунам"
/Сардори РК ва КМ-и ДДҲБСТ — Мирпоччоев И.Ҳ.